# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика), мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқ ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар шароити босуръатонаи илму техника барои МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз масоили аввалиндараҷа ва муҳимми баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика маҳсуб ёфта, аз ин дидгоҳ унвонҷӯ мавзуи хеле мубрам - назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар МТОК дар шароити муосирро барои пажуҳиши диссертатсионӣ интихоб намудааст.

Ҳамзамон, мубрамии мавзуъ аз зарурати таъмини сифати баланди таҳсилот, инкишофи салоҳиятҳои касбии мутобиқ ба талаботи ҷомеа ва бозори меҳнат, коркарди роҳу усулҳои фаъоли таълимӣ, гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот, ҷорӣ намудани шаклҳои нави назорат ва идоракунии тайёрии касбӣ бармеояд.

Муаллиф зарурати таҳқиқи мавзуи мазкурро ба мақсаду ҳадафҳои низоми маорифи кишвар ва барномаҳои давлатии соҳа «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва дигар барномаҳои давлатии соҳавӣ асос намуда, натиҷаҳои илмии бадастовардаро ба таври мушаххас дар диссертатсия нишон додааст.

Дар баробари қабули ҳамагуна барномаҳои давлатӣ оид ба рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ нақшаи чорабиниҳо дар муассисаҳои таълимии ҳама зинаҳои таҳсилот таҳия шуда, амалӣ гардида истодаанд. Дар

ин замина, мутахассисонро зарур аст, ки аз рӯйи барномаҳои қабулшудаи давлатӣ фаъолият намуда, ҳамаи вазифаҳои дар он дарҷёфтаро марҳила ба марҳила амалӣ намоянд, зеро омода ва тайёр намудани мутахассисони самти математика кори саҳл набуда, масъалаи мубрами рӯз ба шумор рафта, самти махсуси таҳқиқи муаллифро ташкил медиҳад.

Диссертант зимни таҳлилу баррасии мавзуъ омода намудани мутахассисони баландихтисоси самти математикаро дар шароити муосир аз фаъолият ва ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании давлату ҳукумат вобаста медонад. Дар заминаи равандҳои дар боло зикргардида, марҳилаҳои омӯзиши фанҳои равияи математикиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифтан ба мақсад мувофиқ аст.

Таҳлили воқеъбинонаи муаллиф проблемаи тайёрии касбии донишҷӯён зарурати ҷустуҷӯйи роҳҳои нави ҳалли масъаларо муайян мекунад. Ҳангоми истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои рушди шахсият ва ташаккули сифатҳои касбии донишҷӯ имконияти зиёд ба вуҷуд меоянд. Бо вуҷуди ин, муаллиф дар шароити муосир яке аз мушкилоти асосиро дар низоми таълим – маҳдуд будани буҷаи вақти барои таҳсилоти олӣ ҷудошуда ва якбора афзудани ҳаҷми маълумоти умумии илмӣ ва касбӣ (тахассусӣ)-ро, ки барои фаъолияти эҷодии мутахассиси оянда дар соҳаи интихобшуда заруриро ташкил медиҳад, медонад. Ҳамзамон, натиҷаи дарки ин масъала ва зарурати ҳалли он таҳияи стандартҳои нави давлатии таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ истифодаи имконияти технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим ба афзоиши ҳаҷми маълумоту маводи илмӣ, аз ҷумла, нашри номгӯйи адабиёти таълимӣ оварда мерасонад.

Дар чунин шароити барзиёдии маводи илмии назариявӣ тайёрии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на танҳо бо назария, балки бо методикаи амалисозии раванди таълим таъмин намудани донишҷӯёнро дар назар дорад. Агар азхудкунии методикаи раванди таълим ба тайёрии касбии донишҷӯён ба таври зарурӣ дохил карда шуда бошад, тайёрӣ ба амалӣ гардондани раванди таълим бо азхуд кардани методикаи таълими фанҳои ин ё он илм аз рӯйи ихтисоси интихобшуда алоқаманд аст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мавзуи интихобшуда саривақтӣ, мубрам ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ба ҳалли як қаттор масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии таҳсилоти муосир равона гардидааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия бори аввал шаклҳои муосири назорат ва идоракунӣ, роҳҳои баланд бардоштани тайёрии касбӣ, истифодаи методҳои

фаъоли таълимӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ зимни низоми таълими босалоҳият миёни донишҷӯёни самти математика асоснок карда шудааст. Муаллиф бо такя ба таҳлили амиқи шаклҳои назорат ва идоракунии низоми таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математикаро дар шароити муосир дар диссертатсия ба таври мушаххас баён намуда, имконияти баланд бардоштани самаранокии раванди таълимро исбот намудааст.

Муаллиф дар натиҷаи таҳлилу баррасии низоми таълим ва шаклҳои назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика ба натиҷаҳои назаррас ноил мегардад, ки ба баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика нақши асосӣ дорад:

- асосҳои методии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шуд;
- асоснок карда шуд, ки дар нақшаҳои таълимӣ зиёд намудани миқдори фанҳои таълимии тахассусӣ ва соатҳои таълимӣ бо нигоҳ доштани муттасилии фанҳо дар баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯён мусоидат менамояд;
- роҳҳои назорат ва баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни ихтисосҳои самти математика муайян карда шуд;
- дастури таълимии намунавӣ аз фанни алгебра ва назарияи ададҳо мувофиқ бо низоми таълими босалоҳият таҳия карда шуд, ки истифода аз он дар тайёрии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи самти математика муфид хоҳад буд;
- сабабу омилҳои мусбат ва манфии вазъи таълими курси математика дар раванди омодакунии мутахассисони ихтисосҳои самти математика муайян карда шуд;
- вобаста ба баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика меъёру нишондодҳо оид таълими босалоҳият муайян карда шуд.

Муаллиф Сатторов Қ.А. зимни омӯзиши мавзуи мазкур нуктаҳои илмии зеринро ба ҳимоя пешниҳод менамояд:

- дар заминаи талаботи барномаҳои давлатӣ, таҳсилотӣ ва таълимӣ масъалаи ба таври зарурӣ омода намудани мутахассисони касбии самти математика дар замони таҳаввулоти илмӣ-техникӣ, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва сохтору муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба шумор меравад, масъалаи мубрами рӯз мебошад;
- бо мақсади назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯён ва мустаҳкам намудани донишҳои тахассусии онҳо истифодаи ТИК дар раванди низоми таълими босалоҳият, муттасил будани барномаҳои таълимӣ,

таҳсилотӣ ва низоми таълим дар МТМУ ва МТОК муҳим ва саривақтӣ мебошад;

- ба роҳ мондани табодули академии донишҷӯёни самти математика дар байни МТОК-и ҷумҳурӣ ва донишгоҳҳои берун аз кишвар яке аз роҳҳои баланд бардоштани тайёрии касбӣ ва ҷалб намудани донишҷӯён ба илмомӯзӣ дар баланд бардоштани вазъи таълими курси математика мегардад;

- меъёру нишондодҳои асосии омодагӣ ва тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика барои назорат ва идоракунии тайёрии касбӣ, инкишофи донишҳои математикии онҳо, ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас дар омодасозии омӯзгорони оянда муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегарданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Истифодаи роҳҳои нави назорат ва идоракунӣ, методҳои фаъоли таълимӣ, истифодаи таълими босалоҳият дар таълими фанни тахассусии алгебра ва назарияи ададҳо, инчунин, татбиқи пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар назария ва амалияи назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи самти математикаро дар МТОК таъмин менамояд.

Ҳамзамон, муаллиф дар раванди корҳои илмӣ-таҳқиқӣ аз методҳои таҳлилӣ, арзёбӣ, муқоисавӣ ва баҳогузории систематикӣ ба пуррагӣ истифода бурдааст. Илова бар ин, эътимоднокии натиҷаҳо бо истифода аз шаклҳои нави назорат ва идоракунӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои бадастомада тақвият дода шудааст. Ҳамзамон, методҳои таҳлилӣ, арзёбӣ, муқоисавӣ ва баҳогузории систематикӣ низ ба натиҷаҳои таҳқиқ эътимод ва кавигии илмӣ мебахшанд. Ҳамин раванд имкон медиҳад, ки натиҷаҳо на танҳо барои пажуҳиши амалӣ, балки барои татбиқи методҳои омӯзишӣ ва такмили равандҳои таълимӣ дар МТОК низ асоснок гарданд.

Натиҷаҳои диссертатсия дар 2 дастур ва 8 мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф инъикос гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Муҳтавои диссертатсия аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқ», се боб, бахшҳои «Хулосаҳо», «Рӯйхати адабиёти истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 190 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, 28 диаграмма ва 21 ҷадвалро дарбар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо дар ҳар боби диссертатсия ба инобат грифта шудааст. Рӯйхати адабиёт 174 номгӯйро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшуда асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, дараҷаи омӯзиши таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда қайд гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявӣ - методии назорат ва тайёрии касбии донишҷӯёни математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» номгузорӣ шуда, ду зербоб ва хулосаро дарбар мегирад.

Муаллиф ҳангоми омӯзиш, таҳлил ва баррасии боби якум муайян намудааст, ки то кадом андоза назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир барои рушди соҳаи маориф ва иқтисодиёти мамлакат нақши асосиро мебозад. Нақш ва тарҳрезии нақшаву барномаҳои таълимию таҳсилотӣ ва мутобиқсозии низоми таълимро ба барномаҳои давлатии соҳаи маориф, ҷиҳати баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика, масъалаи мубрам ва аввалиндараҷа инъикос намудааст. Бе дарназардошти сатҳи зарурии тайёрии касбии мутахассисон, аз ҷумла донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи самти математика, роҳандозӣ ва дар амал татбиқ намудани нақшаву барномаҳои стратегии самти маориф, аз ҷумла, «Бистолаи рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ» ғайриимкон мебошад.

Боби дуюми кори диссертатсионӣ ба «Таҳлили вазъи кунунии таълим ва сатҳи тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, аз 2 зербоб иборат мебошад.

Муаллиф дар натиҷаи муайян намудани вазъи кунунии таълим ва сатҳи тайёрии касби донишҷӯёни самти математика дар ДДК ба номи А.Рӯдакӣ ва ДДБ ба номи Н.Хусрав иҷрои корҳои зеринро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониши донишҷӯён ва тайёрии касбии онҳо саривақтӣ медонад:

– дастовардҳои илмӣ, ихтисос ва замимаи дипломи хатмкарда дар раванди озмуни қабули омӯзгори фаннӣ ба инобат гирифта шавад;

– ташкили дарсҳои иловагӣ дар мактаб ба роҳ монда шавад;

– бурдани хонандагон ба китобхонаҳои мактаб, маҳалла ва шаҳру ноҳия дар доираи дарсҳои беруназсинфӣ;

– ташкили маҳфили фаннӣ аз фанни математика;

– мунтазам таҳти назорати омӯзгорони ботаҷрибаи тахассусманд гирифтани дарсҳои омӯзгорони навқабулшудаи фанни математика;

– мунтазам ба озмун ва олимпиадаҳои гуногуни фаннӣ ҷалб кардани хонандагон;

– дуруст ва мунтазам ба роҳ мондани вохӯриҳо ва суҳбат бо падару модарони хонандагон;

– ҳатман гузаронидани пурсиши интихоби касб дар байни хонандагон давоми ҳар соли таҳсил;

– ташкили дарсҳои фаҳмондадиҳӣ дар давраи хатми хонандагон оид ба низоми кредитии таҳсилот ва шарту шароити таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– ба довталаб додани мустақилияти интихоби касб дар давраи дохил шудан муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– аз рӯйи имконияти муассисаи таълимӣ ба машғулиятҳои ҳузурии донишҷӯён бисёртар ҷалб намудани омӯзгорони дорои унвон ва дараҷаи илмидошта;

– ба навиштани корҳои санҷишӣ, лабораторӣ, хатм ва мақолаҳои оммавию тахассусӣ ҷалб кардани донишҷӯён;

– ба дарсҳои иловагӣ ҷалб кардани донишҷӯён;

– мунтазам ба озмун ва олимпиадаҳои гуногуни фаннӣ ҷалб кардани донишҷӯён;

– ба роҳ мондани раванди машғулиятҳо бо истифодаи ҳамагуна таҷҳизоти иттилоотию коммуникатсионии замонавӣ;

– ташкил муҳити илмӣ дар гурӯҳҳои таълимӣ ва ғайраҳо.

Боби сеюми диссертатсия «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, аз 3 зербоб иборат мебошад.

Муаллиф дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиши боби сеюм муайян намудааст, ки роҳҳои назорат ва идоракунии сифати тайёр кардани омӯзгорони самти математика ва коркарди усулҳои нав дар ҳалли масъалаҳои математикӣ ҳангоми тайёр кардани омӯзгори ояндаи самти математика зимни низоми таълими босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар яке аз мавзуъҳои пажуҳишии муҳимро тақозо менамояд.

**Хулосаи умумии таҳқиқи диссертатсионӣ аз 8 банд иборат буда**, дар автореферат ва диссертатсия нишон дода шудааст. Ҳамзамон, муаллиф таҳқиқи мавзуи диссертатсиониро ба ҳадафҳои низоми маорифи кишвар ва барномаҳои давлатӣ мувофиқ шумурда, нақш ва мавқеи илмҳои дақиқ, алалхусус, математикаро назаррас қайд намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Муаллифи диссертатсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо тавсияҳои зерини илмиро пешниҳод намудааст:

1. Дар МТОК роҳҳои назорат ва идоракунии сифати таҳсилот дар асоси барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаву барномаҳои таълимӣ ба роҳ монда шуда, мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва маводҳои ёрирасони дигари таълимӣ ба онҳо мувофиқ карда шавад;

2. Дар раванди машғулиятҳои таълимӣ омӯзгорони дарсдиҳанда таълимро бо истифодаи ТИК зимни низоми таълими босалоҳият ба роҳ

монанд, зеро ин раванд барои баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар МТОК мусоидат мекунад;

3. Барои омӯзгорон ва донишҷӯёни самти математикаи МТОК имконият ва шароити таълимӣ бо мавҷудияти воситаҳои муосири таълимӣ аз ҷумлаи ТИК фароҳам оварда шавад, ки берун аз машғулиятҳои таълимӣ барои иҷрои корҳои мустақилона, машғулиятҳои факултативӣ, корҳои курсӣ ва таҳияи рисолаи хатм мусоидат кунад;

4. Мавзуъҳои дарсии китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва ёрирасон вобаста ба фанҳои тадрисшавандаи ихтисосҳои самти математика ба талаботи низоми таълими босалоҳият мувофиқ карда шаванд;

5. Аз курси такмили ихтисос гузаштани омӯзгорони самти математика ба баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика мусоидат мекунад, зеро омӯзгорон дар ин раванд ба методҳо ва низомҳои фаъоли муосири таълимӣ шинос мешаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:** доир ба мавзуи диссертатсия муаллиф 2 дастури таълимӣ ва 8 номгӯи мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин миқдор 4–то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия, 4 –то дар маводди конференсияҳои байналмилалӣ ва маводди конференсияҳои ҷумҳуриявию донишгоҳӣ интишор шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссератсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи муаллиф дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе хатоҳои техникӣ ва имлои грамматикӣ ҷой доранд:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф дар рисолаи диссертатсионӣ корҳои анҷомёфтаи илмии олимони ватаниро бо корҳои олимони хориҷӣ мавриди муқоиса қарор дода мешуд.

2. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, агар шакл ва усулҳои робита ва ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти

олӣ оиди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ба таври мушахасс таҳқиқ мегардид.

3. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда, рӯйхати асарҳои олимони ватанӣ кам нишон дода шудааст.

4. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо зарур мебошад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарявию амалии диссертатсияро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович, ки дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқаррizи расмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии
МДТ «Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон» Шарипов Нусратулло Зайдуллоевич

11 06 соли 2026

Имзои Шарипов Н.З.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.
11 06 соли 2026

Маълумот барои тамос:
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Деҳотӣ 1/2
Телефон: +992(37) 234-83-46
Email: mail@ddtt.tj; tguk@mail.ru